**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02- Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия)**

Мубрамияти мавзӯи интихобкардаи унвонҷу Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» аз он бармеояд, ки имрӯз мазмуну мундариҷаи фанни химия солҳои зиёд бе тағйирот қарор дорад ва ба талаботи стандартҳои таълимӣ пурра ҷавобгӯ нест. Бинобар ин, унвонҷу мақсад гузоштааст, ки коркарди низоми ҳамгироии методҳои анъанавӣ ва ғайри анъанавии таълиму тарбияро дар раванди омӯзиши химия ҳамчун воситаи иҷрои вазифаҳои таълимии курси мазкур, ки ба рушди хонандагон равона карда шудаанд, коркард намояд. Вобаста ба ин, унвонҷӯ усулҳои самараноки дар ҳамбастагӣ истифода намудани методҳои таълими анъанавӣ ва ғайри анъанавиро барои иҷрои вазифаҳои таълими курси химия аз ҷиҳати илмӣ муайян ва асоснок намудааст.

Аз ҳамин хотир, навгониҳои кори диссертатсионии унвонҷу Уроқов Мирзомурод дар он зоҳир мегардад, ки мазмуни мафҳуми «анъанавӣ» ва «ғайрианъанавӣ»-и методҳои таълим ва тарбия мавриди омӯзиш қарор дода шуда, имконияти дар дарсҳои химия истифода бурдани методҳои тарбия ва таълимро дар ҳамбастагӣ пешниҳод карда шудааст.

Унвонҷу дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва таҳқиқотҳои бунёдии анҷомҷодаи муҳаққиқони машҳури хориҷӣ ва ватанӣ мушкилоти мавҷудбударо дар ин самт ошкор намуда, ҳамзамон интихоби дурусти методҳои таълим ва тарбияро дар алоқамандӣ ҳангоми омӯзиши фанни химия пешниҳод намудааст, ки бешак дар

шароити имрӯза барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ёрии бе воситаи амалӣ расонида метавонанд.

Муҳаққиқ дуруст қайд намудааст, ки ҳангоми интихоби методҳои таълиму тарбия дар ҳамгироӣ бояд талаботҳои педагогию психологӣ ва синнусолии хонандагон ба ҳисоб гирифта шавад ва дар ин бора муҳаққиқ далелҳои эътимодноки илмиро пешниҳод намудааст.

Натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷу ва маводи ҷамъовардашуда метавонанд барои муайян ва санҷидани низоми ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбияи анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ ҳангоми омӯзиши фанни химия равона карда шаванд, ҳамзамон, дар интихоби дурусти методҳои анъанавӣ ва ғайрианъанавӣ таълим ва тарбия барои ташаккули рушди зеҳнӣ ва неруи ақлонии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мусоидат менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи анҷододаи Уроқов Мирзомурод Давлатмуродович дар мавзӯи «Асосҳои методии ҳамбастагии методҳои таълим ва тарбия дар иҷрои вазифаҳои таълими фанни химия» таҳқиқоти анҷомёфта буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва усулҳои омӯзишу парвариш (химия) сазовор мебошад.

Муқарриз,
Доктори илмҳои педагогӣ, — Файз Гулмадов
мудири шуъбаи назария ва таърихи
педагогикаи Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон

Имзои Ф. Гулмадовро
тасдиқ мекунам.
Сардори ШК АТТ — М. Саидова

**Маълумот барои тамос:**
**Суроға:** 734024, Ҷумҳурии
Тоҷикистон, кӯчаи Айни, 126
**Тел:** +992 919 63 67 34 (моб.) 992 37 227 48 57 (корӣ)
**Суроғаи электронӣ:** gulmadov53@ mail.ru